*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004-и дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, х. Рудаки, 17).*

**Тақриз**

**ба автореферати рисолаи илмии Файзуллоев Меҳроб Кароматуллоевич дар мавзӯи "Масоили назариявӣ ва амалии таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - молия, муомилоти пул ва қарз (илмҳои иқтисодӣ) пешниҳод шудааст.**

Заминаи муҳими рушди иқтисодиёти мамлакатҳо дар шароити муосир аз тартиби кори ташкилотҳои қарзӣ вобаста мебошад. Ташкилотҳои қарзӣ ва махсусан бонкҳо имрӯз яке аз сохторҳое мебошанд, ки тараққиёти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар аз онҳо вобаста аст. Барои таъмини рушди устувори соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт барои бонкҳои тиҷоратӣ захираҳои пулӣ лозим меояд ва бонкҳои имрӯз метавонанд ин захираҳоиро ба таври амонат ва пасандоз ҷалб намоянд. Ҷалби амонату пасандоз пеш аз ҳама аз стратегияи бонк вобаста буда, метавонад захираҳои қарзиро афзоиш диҳад.

Қарз дар иқтисодиёт ҳамчун омили асосии сармоягузорӣ ба ҳисоб рафта, ба воситаи он метавонем устувории иқтисодиётро таъмин намоем. Сарчашмаҳои қарзӣ ва истифодаи самараноки онҳо матавонад заминаи муҳим ва асосиро дар иқтисодиёт поягузорӣ намояд. Ташкили захираҳои қарзӣ дар шароити муосир яке аз вазифаҳои асосии бонкҳо ба ҳисоб рафта, ҷиҳати истифодаи дурусти ин сарчашмаҳои пулӣ бонкҳо бояд нақша ва стратегияи муҳими худро коркард кунанд. Бояд зикр намуд, ки дар адабиётҳои иқтисодии ватанӣ масъалаи асосҳои назариявии таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ то ин ҷониб ба таври зарурӣ мавриди таҳлил қарор гирифта нашудааст, аз ин рӯ муҳимияти мавзӯи интихобнамуда бениҳоят баланд арзёбӣ мегардад. Ҳамчунин дар самти мукаммалгардонии вазъи қонунгузорӣ, беҳтар гардидани вазъи амалии муносибатҳои молиявӣ ва инчунин алоқамандии вазъи иҷтимоӣ низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Мавриди зикр аст, ки дар автореферати Файзуллоев М.К., мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия гузоштташуда дуруст инъикос ёфтаанд ва онҳо метавонанд истифодабарии захираҳои қарзиро беҳтар созанд. Муаллиф қайд менамояд, ки сарчашмаҳои ташкилнамоии захираҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ пеш аз ҳама аз стратегияи бонк вобастааст. Ки қобили қабул мебошад. Далели ин гуфтаҳо дар қисми якуми навгонӣ ба таври зарурӣ инъикос ёфтааст.

Файзуллоев М.К. дар баробари кушодани моҳияти назариявии сарчашмаҳои ташкилнамоии захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ, сохтори сармояи бонк, сохтори воситаҳои ҷалбкардаи бонки тиҷоратӣ ва инчунин омилҳои ноилшавӣ ба рушди устувори иқтисодро вобаста ба фаъолияти бозори бонкӣ ва институтҳои молиявии он дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳоро дар автореферат илман асоснок намудааст.

Бояд зикр намуд, ки дар шароити муосир аҳамияти ҷиддиро ҷараёни ташкилнамоии уҳдадориҳои бонкӣ касб менамояд, ки бо муносибгардонии сохтор ва сифати идоракунӣ аз рӯи ҳамаи сарчашмаҳои воситаҳои пулӣ, ки иқтидори захиравии бонки тиҷоратиро таъсис медиҳанд, алоқаманд мебошад. Вобаста ба ин зарур аст, ки устуворгардонии фаъолияти рушди низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи нақша чорабиниҳои давлатӣ дар самти таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ шарти муҳим арзёбӣ мегардад, барои пешрафти он ҷороҳои зарурӣ андешем.

Автореферати Файзуллоев М.К. дар баробари хусусияти баланд илмиро доро будан инчунин дорои баъзе норасоиҳо мебошад, ки бартарафнамоии онҳо сифтаи корро боз ҳам беҳтар мегардонад. Аз ҷумла:

1.Ракамгузории баъзе ҷадвалҳо ва расмҳо бояд аз нав дида баромада шаванд;

2. Дар автореферат (саҳ. 14,18,21) иштибоҳҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки бартарафнамоии онҳоро зарур мешуморем.

Норасоиҳое, ки зикр карда шуданд сифати автореферати мазкурро кам намегардонанд ва танҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Дар маҷмӯъ метавонем зикр намуд, ки автореферати рисолаи илмии Файзуллоев Меҳроб Кароматуллоевич дар мавзӯи "Масоили назариявӣ ва амалии таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - молия, муомилоти пул ва қарз пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - молия, муомилоти пул ва қарз (илмҳои иқтисодӣ) мебошад.

Д.и.и., профессори кафедраи
назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав. Садриддинов Н.Т.

Тасдиқ менамоям имзои д.и.и. профессор Садриддинов Н.Т.
Сардори ШК. Амиршоев А.А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ
ШУЪБАИ КАДРҲО